**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар мавзуи «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст (Душанбе, 2025. – 40 саҳ.).**

Ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ дар соҳаи меҳнат бахши муҳими низоми ҳуқуқҳои бунёдии инсонро ташкил медиҳанд, ки дар равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии вобаста ба фаъолияти меҳнатӣ, эҷоди арзишҳои моддиву маънавӣ, идоракунии равандҳои меҳнат ва ташкили шуғл амалӣ мегарданд. Амалишавии ин гурӯҳи ҳуқуқҳо нахуст дар сатҳи муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ сурат гирифта, дар марҳилаи минбаъда тавассути низом ва меъёрҳои соҳаҳои дахлдори ҳуқуқ – меҳнатӣ, маъмурӣ ва маданӣ – шаклҳои мушаххаси ҳуқуқии худро пайдо менамоянд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо эътирофи инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун арзиши олӣ, асоси меъёрии ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатиро низ муайян намудааст. Дар ин замина, низоми васеи мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ амал мекунанд, ки дар доираи ваколатҳои худ вазифадоранд ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои меҳнатии шахсро таъмин намоянд. Ҳамзамон, нақши созмонҳои ҷамъиятӣ, бахусус иттифоқҳои касаба, дар ҳимоя ва татбиқи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандон низ аз аҳамияти хос бархӯрдор аст ва онҳоро ҳамчун субъекти муҳими низоми ҳифзи иҷтимоии ҳуқуқӣ таъриф намудан мумкин аст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқот яке аз аввалин тадқиқоти комплексии бахшида ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва механизмҳои амалисозии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ мақоми пешсафро ишғол мекунад. Ҳадафи

таҳқиқот – асоснок намудани зарурати таҳкими кафолатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ва арзёбии ҳуқуқи шахс ба меҳнат ҳамчун унсури калидии давлатдории иҷтимоӣ – дар доираи ду боб ва ҳафт зербоб бо пайдарпайӣ ва риояи мантиқи илмӣ амалӣ гардидааст.

Таҳлили автореферати диссертатсия гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти мазкур дорои сатҳи баланди илмӣ ва тахассусӣ буда, натиҷаҳои он на танҳо ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ мусоидат менамоянд, балки метавонанд барои илми ҳуқуқи меҳнат низ ҳамчун заминаи назариявӣ ва амалӣ хизмат намоянд. Ҷанбаҳои таҳқиқотии мавзуъ, ки аз тарафи муаллиф бо риояи принсипҳои методологии илмӣ, истифодаи васеи манбаъҳои илмӣ ва таҷрибаи амалии соҳа пешниҳод шудаанд, на танҳо мушкилоти ҷойдоштаро ифода мекунанд, балки дар баробари он мавқеи мустақили таҳлилӣ ва қобилияти илмии муҳаққиқро низ равшан менамоянд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти мазкур дорои хосиятҳои таҳлилӣ, навоварона ва амалӣ буда, ба ташаккули таҳкурсии илмии танзими ҳуқуқӣ ва кафолати амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми назаррас мегузорад ва ҳамчун як намунаи арзандаи пажӯҳиши илмии соҳавӣ арзёбӣ мегардад.

Дар баробари андешаҳои пештар зикршуда, ҷоиз медонем, ки ба автореферати диссертатсия эрод низ ироа гардад. Аз ҷумла, муаллиф дар автореферат санадҳои байналмилалиро вобаста ба масъалаи ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ ба ду гурӯҳ – умумӣ ва махсус – тақсим намудааст. Аммо аз мазмуни матн равшан нест, ки то кадом андоза ин санадҳо дар қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеъ ва инъикоси амалӣ пайдо кардаанд. Мақсаднок мебуд, агар муаллиф ҳангоми дифои диссертатсия бо истифода аз мисолҳои мушаххас, татбиқи амалии санадҳои байналмилалие, ки дорои меъёрҳои соҳаи меҳнат мебошанд, дар муҳити ҳуқуқии миллӣ нишон медод.

Бо вуҷуди ин, эрод тавсиявӣ буда, ба сатҳи илмӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқоти анҷомёфта таъсири манфӣ намерасонад.

Омӯзиши матни пурраи автореферат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Мирзозода Шаҳриёр Мунавар дар шароити имрӯза муҳим ва зарурӣ арзёбӣ гардида, ба бандҳои 31, 33, 34, 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз тарафи муаллиф мустақилона таълиф гардида, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷа ва нуктаҳои нави илмӣ мебошад. Таҳқиқоти мазкур саҳми шахсии муаллифро дар соҳаи илм нишон медиҳад ва муаллифи рисола Мирзозода Шаҳриёр Мунавар сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, пешниҳод шудааст мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
муовини директор оид ба илм ва таълими
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои
Осиё ва Аврупои АМИТ, доктори
илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Д.Ш. Сангинзода

Суроғаи муқарриз: 734060, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Варзоб, Ҷамоати-деҳоти Варзоб-Қалъа,
деҳаи Ғажне, хонаи №60
E.mail: doniyor_sanginov@mail.ru
Тел.: (992 37) 980850707

Имзои Сангинзода Д.Ш.-ро тасдиқ менамоям:
Нозири калони кадр ИОМДОА-и АМИТ А.Я. Зухуров

Суроғa: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33.
Тел. 221-03-28; E-mail rustamhaydarov.tjk@gmail.com

«13» 08 2025 с.